**Саволномаҳо аз фанни кори ҳамширагӣ дар ҷарроҳия барои ихтисоси кори ҳамширагӣ нимсолаи 8, рейтинги 2**
**Омӯзгор: Искандарова Гулинор**

**1.Моеоти хунивазкунандаи таъсирашон дезинтоксикатсионӣ кадом аст?**
A) липомайз; B) полифер; C) гемодез; D) глюкоза; E) маҳлули физиологӣ;
**2.Маҳсулини хунӣ кадом аст?**
A)албумин; B)анбӯҳи эритротситӣ; C)анбӯҳи лейкотситӣ; D)хунобаи аслӣ; E)анбӯҳи тромботситӣ;
**3.Пас аз хунгузаронӣ ҳамшира аз болои чӣ назорат менамояд?**
A) набз; B)набз ва фишори шараёнӣ; C) ихроҷи пешоб;
D)набз, фишори шараёнӣ ва ихроҷ пешоб; E) нафаскашӣ;
**4.Хуни донорӣ дар яхдон дар ҳарорати чанд C⁰ маҳфуздорӣ карда мешавад?**
A) -2-0; B)0-2; C) 4-6; D) 7-10; E) 15-20;
**5.Моеоти хунивазкунанда барои ғизои парентералӣ кадоме инҳо намебошад?**
A) полиглюкин; B)гидролизин; C) липомайз; D) липофундин; E) аминопептид;
**6.Полиглюкин асосан барои чӣ истифода бурда мешавад?**
A) ғизои парентералӣ; B)тезонидани лахташавии хун; C) мубориза алайҳи тромбозҳо ва эмболияҳо; D) мубориза алайҳи садама;
E) безаҳргардонии (дезинтоксикатсияи) вуҷуд;
**7.Фибриноген асосан истифода бурда мешавад, барои...**
A) ғизои парентералӣ; B)тезонидани лахташавии хун; C) мубориза алайҳи тромбозҳо ва эмболияҳо; D) мубориза алайҳи садма; E) безаҳргардонии (дезинтоксикатсияи) вуҷуд;
**8.Гемодез асосан барои чӣ истифода бурда мешавад?**
A) ғизоипарентералӣ; B)тезонидани лахташавии хун; C)мубориза алайҳи тромбозҳо ва эмболияҳо; D) мубориза алайҳи садма; E) безаҳргардонии вуҷуд;
**9.Дар мавриди садмаи ҳеморрагӣ, дар навбати аввал бояд ба бемор чиро гузаронид?**
A) хуни холис; B) хуноба; C) полиглюкин; D) анбӯҳи тромботситӣ; E) глюкоза.
**10.Нишонаи хуни ҳемолизшуда?**
A) хуноба шаффоф; B)хуноба тира, бо тибитҳо; C) хуноба гулобиранг (гулгун);
D) хуноба бо ҳубобчаҳои ҳаво; E) ягон вариант дуруст нест;
**11.Фибринолизин асосан барои чӣ истифода бурда мешавад?**
A) ғизоипарентералӣ; B)тезонидани лахташавии хун; C) мубориза алайҳи тромбозҳо ва эмболияҳо; D) мубориза алайҳи садма; E) безаҳргардонии вуҷуд.
**12.Липомайз асосан барои чӣ истифода бурда мешавад?**
A) ғизоипарентералӣ; B)тезонидани лахташавии хун; C)мубориза алайҳи тромбозҳо ва эмболияҳо; D)мубориза алайҳи садма; E)безаҳргардонии вуҷуд;
**13.Кадом унсурҳои (элементҳои) хун агглютининҳо доранд?**
A) хуноба; B)лейкотситҳо; C) эритротситҳо; D) тромботситҳо; E) монотситҳо;
**14.Дар кадом унсурҳои (элементҳои) хун резус-омил мавҷуд аст?**
A) хуноба; B)лейкотситҳо; C) эритротситҳо; D) тромботситҳо; E) монотситҳо;
**15.Дар мавриди муайян намудани резус-омил агглютинатсия ба амал омад. Хулосааш чист?**
A) хун резус-манфӣ мебошад; B)хун аз рӯйи резус-омил номутобиқ мебошад;
C) хун аз рӯйи резус-омил мутобиқ мебошад; D) хунрезус-мусбӣ мебоошад;
E) ягон вариант дуруст нест;
**16.Якумин маротиба кашф намудани 3 гурӯҳи хун ба кӣ мансуб мебошад?**
A) Янский; B)В.Н. Шамов; C) Ландштейнер; D) А.М. Филомафитский;
E) Н.И Пирогов;
**17.Кӣ хуни гурӯҳи IV-умро кашф намуд?**
A) Янский; B)В.Н. Шамов; C) Ландштейнер; D) А.М. Филомафитский;

E) Н.И Пирогов;
**18.Кӣ якумин маротиба дар Руссия муваффақона хунгузарониро амалӣ сохт?**
A) Янский; )В.Н. Шамов; C) Ландштейнер; D) А.М. Филомафитский;
E) Н.И Пирогов.
**19.Кӣ якумин маротиба дар Руссия хунгузарониро ба инсон, бо назардошти мансубияти гурӯҳӣ хунгузаронӣ кард?**
A) Янский; B)В.Н. Шамов; C) Ландштейнер; D) А.М. Филомафитский;
E) Н.И Пирогов;
**20.Ёрирасонӣ дар мавриди садамаи ситратӣ кадом аст?**
A) тазриқи промедол; B)тазриқи адреналин; C) тазриқи пиполфен;
D) тазриқи маҳлули 10% хлориди калтсий; E) тазриқи гепарин;
**21.Лаҳзае, ки аз он марҳилаи қабли ҷарроҳӣ сар мешавад?**
A) оғози беморӣ; B) ба бемористон бистарӣ шудан; C) муқаррар намудани ташхис; D) оғози омодасозӣ ба ҷарроҳӣ; E) бевосита қабл аз ҷарроҳиро оғоз намудан;
**22.Ҳолате, ки дар мавриди он марҳилаи қабли ҷарроҳӣ ҳаддалимкон кам карда мешавад?**
A) илтиҳоби фасодии шадиди буғум; B) думмали шуш; C) ҳолати садмавӣ;
D) дабилаи бозу; E) пучаксорӣ;
**23.Вақти гузоштани ҳуқнаи тозакунанда қабл аз ҷарроҳии нақшавӣ кадом аст?**
A) 2 шабонарӯз қабл аз ҷарроҳӣ; B) шабонгоҳ дар арафаи ҷарроҳӣ; C) субҳи рӯзи ҷарроҳӣ; D) имолагузорӣ намекунанд; E) 1 соат қабл аз ҷарроҳӣ;
**24.Вақти гузоштани имолаи тозакунанда қабл аз ҷарроҳии таъҷилӣ кадом аст?**
A) 6 соат қабл аз ҷарроҳӣ; B) 2 соат қабл аз ҷарроҳӣ; C) бевосита қабл аз ҷарроҳӣ;
D) имолагузорӣ намекунанд; E) ҳамаи вариантҳо дуруст аст;
**25.Ҳолате, ки дар мавриди он гузаронидани ҷарроҳии нақшавиро мавқуф мегузоранд?**
A) беморие, ки оризаи бемории асосӣ мебошад; B) афзудани нишонаҳои камхунӣ;
C) илтиҳоби фасодӣ дар пӯст; D) ҷарроҳиро мавқуф намегузоранд; E) ҳамаи вариантҳо дуруст аст;
**26.Намуди (танзиф) покизасозии санитарӣ қабл аз амалиёти ҷарроҳии нақшавӣ кадом ст?**
A) поккунии пӯст ва иваз намудани либосҳои тагпӯш ва ҷилду ҷойпӯшҳои бистари бемор; B)танзифи ҷузъӣ (нопурра); C) танзифи пурра (комил); D) танзифро намегузаронанд; E) ягон вариант дуруст нест;
**27.Намуди танзиф (покизасозии санитарӣ) қабл аз амалиёти ҷарроҳии таъҷилӣ?**
A) поккунии пӯст ва иваз намудани либосҳои тагпӯш ва ҷилду ҷойпӯшҳои бистари бемор; B) танзифиҷузъӣ (нопурра); C) танзифи пурра (комил); D) танзифро намегузаронанд; E) ягон вариант дуруст нест;
**28.Кадом ҷарроҳиро гузаронидан мумкин аст, агар дар наздикии буриши оянда пучак мавҷуд мебошад?**
A) баркандани омоси зуд афзоишкардаистода; B) ҷарроҳӣ дар мавриди бемории музмин; C) ҷарроҳиро мувофиқи нишондоди ҳаётӣ; D) ҷарроҳии чуррабуррӣ, ҳангоми чурраҳои беориза;E) резексияи меъда дар мавриди пилоростеноз;
**29.Беморие, ки зиёд намудани ҳаҷми омодасозии қабличарроҳиро тақозо менамояд кадом аст?**
A) васеъшавии варикозии хунрагҳои варидии пойҳо; B) норасоии талофинопазири қалбӣ; C) аппендитсити шадид; D) тромбофлебити шадид;
E) ҳамаи вариантҳо дуруст аст;
**30.Ҳолате, ки дар мавриди он марҳилаи қабличарроҳӣ ҳаддалимкон кам карда мешавад?**
A) камхунии шадиди авҷкардаистода; B)аппендитсити музмин; C) васеъшавии варикозии хунрагҳои варидии пойҳо; D) реши музмини трофикӣ; E) липома.

**31.Вақти тарошидани пӯст қабл аз ҷарроҳии нақшавӣ?**
A) 1 шабонарӯз қабл аз ҷарроҳӣ; B) шабонгоҳ дар арафаи ҷарроҳӣ; C) субҳи рӯзи ҷарроҳӣ; D) дар мизи ҷарроҳӣ; E) 1 ҳафта қабл аз ҷарроҳӣ;
**32.Амали ҳамшираи тиббӣ оид ба нақшаи омодасозии бемор ба ҷарроҳии таъҷилӣ кадом аст?**
A) истифодабарии талқини суханӣ ва таваҷҷӯҳи беморро ба дигар чиз ҷалб намудан; B)назорат аз болои вокуниши (реаксияи) бемор ба беморӣ; C) ба бемор омӯзонидани амалҳои нигоҳубини худ; D) назорати мувофиқшавии бемор ба шароити бемористон; E) ҳамаи вариантҳо дуруст аст
**33.Вазифаи асосии марҳилаи қабличарроҳӣ кадом аст?**
A) гузаронидани поксозии лонаҳои сироят; B) муоинаи силсилаи қалбӣ-рагӣ;
C) беҳтар намудани ҳолати бемор; D) омодасозии бемор ба ҷарроҳӣ;
E) ҳамаи вариантҳо дуруст аст;
**34.Агар бемор 40 дақиқа қабл аз ҷарроҳии таъҷилӣ хурок қабул намуда бошад, он гоҳ чӣ бояд кард?**
A) ҷарроҳиро 1 шабонарӯз мавқуф гузошт; B) мӯҳтавии меъдаро тавассути зонд шӯста баровардан лозим; C) қайкуниро ба амал овард; D) ягон тадбир наандешед;
E) ҷарроҳиро 7 шабонарӯз мавқуф гузошт;
**35.Пешдармонро (премедикатсия) ба бемор қабл аз беҳиссозии умумӣ кӣ таъин менамояд?**
A) духтури шӯъбаи қабул; B) духтури тахдиргар (анестезиолог); C) духтури шифокор; D) ҳамшираи тиббии тахдиргар; E) ҳамшираи тиббии дидбонӣ;
**36.Барои пешгирӣ намудани оризаҳои шушии баъдиҷарроҳӣ, ба бемор кадом корро таъин менамоянд?**
A) варзиши нафасӣ; B) танбиби (интубатсияи) хирной; C) ғизои парҳезии аз сафеда бой; D) муолиҷаи барқии зудиаш баланд (УВЧ) ба қафаси сина; E) истиншоқ (инҳалятсия)
**37.Ҷарроҳие, ки онро дарҳол пас аз бистарикунонӣ гузаронидаанд, чӣ меноманд?**
A) таъҷилӣ; B) ташхисӣ; C) нақшавӣ; D) паллиативӣ; E) радикалӣ;
**38.Ҷарроҳие, ки онро пас аз пурра муоина кардани бемор гузаронидаанд, чӣ меноманд?**
A) таъҷилӣ; B) фаврӣ; C) нақшавӣ; D) паллиативӣ; E) комил;
**39.Ҷарроҳие, ки дар мавриди он узви ба беморӣ мубталобударо ба пуррагӣ барканда мегиранд, чӣ меноманд?**
A) ташхисӣ; B) радикалӣ; C) паллиативӣ; D) нақшавӣ; E) фаврӣ;
**40.Ҷарроҳие, ки онро барои сабук намудани ҳолати бемор мегузаронанд, чӣ меноманд?**
A) ташхисӣ; B) радикалӣ; C) таскинӣ (паллиативӣ); D) нақшавӣ; E) фаврӣ;
**41.Ҷарроҳие, ки онро дар шароити дармонгоҳ (амбулаторӣ) гузаронидаанд, чӣ меноманд?**
A) калон; B) хурд; C) таскинӣ (паллиативӣ); D) нақшавӣ; E) фаврӣ (бетаъхир)
**42.Ҷарроҳие, ки пас аз он бемор дар муолиҷаи бемористонӣ қарор доранд, чӣ меноманд?**
A) калон; B) хурд; C) таскинӣ (паллиативӣ); D) нақшавӣ; E) таъҷилӣ;
**43.Кадом бандакро илова мекунанд, то он ки баркандани узвро ифода намоянд?**
A) томия; B) эктомия; C) стомия; D) пексия; E) скопия;
**44.Кадом бандакро илова мекунанд, то он ки барпо намудани носури сунъиро ифода намоянд?**
A) томия; B) эктомия; C) стомия; D) пексия; E) скопия;
**45.Кадом бандакро илова мекунанд, то он ки чок намудани носури ковокиро ифода намоянд?**
A) томия; B) эктомия; C) стомия; D) пексия; E) скопия;
**46.Бурида гирифтани як қисм ё ҳамаи пойро (дастро) чӣ меноманд?**

A) экзартикулятсия; B) резексия; C) ампутатсия; D) ҷобаҷокунии баромадагӣ;
E) анастомоз;

**27.Бурида гирифтани пойро (дастро) аз буғум чӣ меноманд?**

A) экзартикулятсия; B) резексия; C) ампутатсия; D) ҷобаҷокунии баромадагӣ;
E) анастомоз;

**48.Бурида гирифтани як қисми узвро чӣ меноманд?**

A) экзартикулятсия; B) резексия; C) ампутатсия; D) ҷобаҷокунии баромадагӣ;
E) анастомоз

**49.Амалиёти ҷарроҳиро оиди дар устухон барпо намудани сӯрохиро чӣ меноманд?**

A) экзартикулятсия; B)резексия; C) ампутатсия; D) ҷобаҷокунии баромадагӣ;
E) трепанатсия

**50.Амалиёти ҷарроҳиро оиди дар байни ду узв барпо намудани васлкунӣ чӣ меноманд?**

A)экзартикулятсия; B) резексия; C) ампутатсия; D) ҷобаҷокунии баромадагӣ;
E) васлат (анастомоз)

**51.Марҳилаи амалиёти ҷарроҳиро, ки дар мавриди он бофтаҳо то ба макони касолатӣ бурида мешаванд, чӣ меноманд?**

A) дастраскунии амалиётӣ; B) марҳилаи анҷомдиҳанда; C) протезикунонӣ; D) усули амалиётӣ; E) ҳамааш дуруст;

**52.Дар мавриди кадом беморӣ ҷарроҳии нақшавиро мегузаронанд?**

A) аппендитсити шадид; B) чурраи беавориз; C) реши ноқиби (сӯрохкунандаи) меъда; D) осебёбии узвҳои дохилӣ; E) омоси хушсифат;

**53.Ҷарроҳии таъҷилиро дар мавриди кадоме аз ин бемориҳои нишондодашуда мегузаронанд?**

A) аппендитсити шадид; B) реши ноқиби (сӯрохкунандаи) меъда; C) осебёбии узвҳои дохилӣ; D) омоси хушсифат; E) захмҳои сурохкунандаи шикам;

**54.Ҷарроҳии ташхисиро муқаррар намоед?**

A) ҷобаҷокунии шикастапораҳо дар мавриди шикастагӣ; B)аппендэктомия;
C) гастростомия; D) лапаротомия; E) ҷобаҷокунии баромадагиҳо;

**55.Ҷарроҳии пурраро (радикалиро) муқаррар намоед?**

A) ҷобаҷокунии шикастапораҳо дар мавриди шикастагӣ;B) аппендэктомия; C) гастростомия;D) лапаротомия; E) ҷобаҷокунии баромадагиҳо;

**256.Ҷарроҳии таскиниро (паллиативиро) муқаррар намоед?**

A) ҷобаҷокунии шикастапораҳо дар мавриди шикастагӣ; B) аппендэктомия;
C) гастростомия; D) лапаротомия; E) ҳамааш дуруст;

**57.Ҷарроҳии бидуни хунрезиро муқаррар намоед?**

A) ҷобаҷокунии шикастапораҳо дар мавриди шикастагӣ; B) аппендэктомия;
C) гастростомия; D) лапаротомия; E) торакотомия

**58.Дар кадом мавқеъ беморонро дар узвҳои ковокии шикам ҷарроҳӣ мекунанд?**

A) уфуқӣ бо хобидан ба тахтапушт; B)барнагун (ба паҳлӯ); C) мавқеи авохири сарӣ фаровардашуда; D) ба шикам хобида; E) дар ҳолати Тренделенбург

**59.Олотҳои бофтаҳоро ҷудокунанда (бурранда) кадоме аз инҳо мебошад?**

A) чангаки лавҳачагии Фарабеф; B) теғи ҷарроҳӣ; C) қайчии нӯгтез;
D) арраи симини Ҷигли; E) троакар;

**60.Олотҳои қапандаро номбар бикунед?**

A) сиққонаки Кохер; B) сӯзани бурранда; C) сагакҳои ҷойпӯшигӣ; D) теғи ҷарроҳӣ; E) троакар;

**61. Кадоме аз инҳо ба олотҳои бофтаҳоро пайвасткунанда дохил мешавад?**

A) сӯзанқапаки Гегар; B)сӯзани бурранда; C) анбӯрак (корнсанг);
D) сӯзани осебнадиҳанда (атравматикӣ); E) стейплер;

**62.Мақсади амалиёти ҷарроҳии комил (радикалӣ) кадом аст?**

A) аниқ намудани ташхис; B) муолиҷаи бемор; C) сабук намудани ҳолати бемор;
D) анҷом додани амалиёти ҷарроҳии якбора (яклаҳзагӣ); E) ҳамааш дуруст;

**63.Мақсади амалиёти ҷарроҳии таскинӣ кадом аст?**
A) сабук намудани ҳолати бемор; B) аниқ намудани ташхис; C) муоличаи бемор; D) анҷом додани амалиёти ҷарроҳии якбора (яклаҳзагӣ); E) ҳамааш дуруст;
**64.Амалиёти ҷарроҳии бидуни хунрезӣ кадом аст?**
A) сӯзанхалии ковокии шушпарда; B) сӯзанхалии думмал; C) ҷобаҷокунии баромадагӣ; D) кандани дандон; E) лапароскопия;
**65.Мӯҳлати гузаронидани ҷарроҳии таъҷилиро нишон диҳед?**
A) пас аз омодасозии мувофиқи бемор; B) амалиёти ҷарроҳӣ ба мӯҳлати муайян мавқуф гузошта мешавад; C) дар вақти наздиктарин; D) фавран (бетаъхир);
E) дар давоми 1 ҳафта
**66.Мӯҳлати гузаронидани ҷарроҳии нақшавӣ?**
A) фавран (бетаъхир); B) пас аз омодасозии мувофиқи бемор; C) дар вақти наздиктарин; D) амалиёти ҷарроҳӣ ба мӯҳлати муайян мавқуф гузошта мешавад;
E) ҳамааш дуруст;
**67.Тадбирҳо дар мавриди таваққуфи пешобкунӣ баъди ҷарроҳӣ?**
A) ба поёни шикам гузоштани пуфаки яхдор; B) таъин намудани васоити доругии пешоброн; C) бо усули дохиливаридӣ ворид намудани маҳлули 5% глюкоза; D)гарм кардани минтақаи шошадон; E)таъин намудани васоити доругии қалбӣ-рагӣ;
**68.Тадбирҳо дар мавриди таваққуфи пешобкунӣ баъди ҷарроҳӣ кадом аст?**
A) риоя намудани реҷаи қатъии бистарӣ; B)бо усули дохиливаридӣ ворид намудани маҳлули 2,4% эуфиллин; C) фаъолсозии бармаҳали ҳаракатҳо; D) таъин намудани васоити доругии қалбӣ-рагӣ;
E) ҳамааш дуруст
**69.Мақсади фаъол бурдани бемор, дар марҳилаи баъди ҷарроҳӣ?**
A) фаъолсозии бозсабзиши (регенератсияи) бофтаҳо; B) пешгирӣ намудани воридсозии сироят ба захм; C) пешгирӣ намудани хунравии дуввумин;
D) бардавомсозии марҳилаи баъдиҷарроҳӣ; E) ҳамааш дуруст
**70.Фоизи маҳлули хлориди натрий, барои имолаи (ҳуқнаи) ҳипертониро нишон диҳед?**
A) 5%; B) 10%; C) 25%; D) 30%; E) 50%
**71. Лаҳзае, ки аз он марҳилаи баъдиҷарроҳӣ сар мешавад кадом аст?**
A) аз лаҳзаи муқаррар намудани ташхиси беморӣ; B) аз лаҳзаи саршавии ҷарроҳӣ;
C) аз лаҳзаи тамомшавии ҷарроҳӣ; D) шабонарӯзи якуми баъдиҷарроҳӣ;
E) аз лаҳзаи бистарӣ намудани бемор
**72.Дар марҳилаи баъдиҷарроҳӣ аз ҷониби захми ҷарроҳӣ кадоме аз ин авориз имконпазир аст?**
A) хунравиҳо; B) яғиршавиҳо; C) кушодашавии (аз ҳам дуршавии) захми баъдиҷарроҳӣ; D) фасодкуниҳои захм; E) носури лигатурай (дарзӣ)
**73.Авoризи имконпазири марҳилаи баъдиҷарроҳӣ аз ҷониби узвҳои нафаскашӣ кадом аст?**
A) паротит; B) пневмония; C) тромбофлебит; D) перитонит; E) исҳоли хунин
**74.Авoризи имконпазири марҳилаи баъдиҷарроҳӣ аз ҷониби узвҳои ҳозима кадом аст?**
A) норасоии қалбӣ-рагӣ; B) таваққуфи шадиди пешобкунӣ; C) нимфалаҷи (парези) рӯда; D) тромбофлебит; E) бронхит
**75.Авoризи имконпазири марҳилаи бармаҳали баъдиҷарроҳӣ аз ҷониби силсилаи қалбӣ-рагӣ кадом аст?**
A) норасоии қалбӣ-рагӣ; B) яғиршавиҳо; C) паротит;
D) фасодкунии захм; E)бронхит
**76.Авoризи имконпазири марҳилаи баъдиҷарроҳӣ аз ҷониби пӯст кадом аст?**
A) хунравӣ; B)нимфалаҷи (парези) рӯда; C) паротит; D) яғиршавиҳо; E) тромбофлебит
**77.Авoризи имконпазири марҳилаи бармаҳали баъдиҷарроҳӣ аз ҷониби силсилаи асаб кадом аст?**

A) яғиршавиҳо; B) фасодкунии захм; C) ҷунуни (психози) баъдиҷаррҳӣ;
D) бронхит; E)паротит

**78.Аворизи имконпазири марҳилаи бармаҳали баъдиҷарроҳӣ аз ҷониби силсилаи шошабарор кадом аст?**

A) хунравӣ; B) таваққуфи шадиди пешобкунӣ; C) фасодкунии захм; D) бронхит; E)паротит

**79.Аворизи имконпазир аз ҷониби захми амалиётӣ, дар шабонарӯзҳои якуми баъди ҷарроҳӣ кадом аст?**

A) хунравӣ аз захм; B) фасодкунии захм; C) паротит; D) аз ҳам дуршавии захм бо беруноии узвҳои дохилӣ (эвентратсия); E) ҳамааш дуруст;

**80.Аворизи имконпазир аз ҷониби захми амалиётӣ, дар шабонарӯзҳои якуми баъди ҷарроҳӣ кадом аст?**

A) хунравӣ аз захм; B) фасодкунии захм; C) қайкунӣ; D) таваққуфи пешобкунӣ; E)пневмония;

**81.Сабабҳои хунравӣ аз захми амалиётӣ, дар 2 шабонарӯзи аввали баъди ҷарроҳиҳои тоза...**

A) аз хунраг лағжида баромадани лигатура; B)баромадани судда (тромб) аз хунраги бастанашуда; C) баландшавии лахташавии хун; D) пастшавии лахташавии хун;
E) ҳамааш дуруст;

**82.Сабабҳои суддати (тромбози) баъдиҷарроҳӣ кадомҳоянд?**

A) обшавии (инҳилоли) фасодии судда (тромб); B) баландшавии лахташавии хун;
C) пастшавии лахташавии хун; D) пурзӯршавии хунгардиш; E) бемории гемофилия

**83.Фаъолсозии бармаҳали бемор дар дар марҳилаи баъдиҷарроҳӣ, кадом мақсадҳоро пайгирӣ менамояд аст?**

A) пешгирии пневмония; B) пешгирии хунравии дуввумин; C) тезонидани бозсабзиши (регенератсияи) бофтаҳо; D) пешгирии суддат (тромбоз); E) пешгирии яғиршавиҳо

**84.Баландшавии афзудаистодаи ҳарорат, бо бадшавии ҳолати умумии бемор, дар шабонарӯзҳои 3-4-уми баъди ҷарроҳӣ дар бораи кадом авориз гувоҳӣ медиҳад?**

A) фасодкунии захми амалиётӣ; B) хунравӣ аз захми амалиётӣ; C) ҷунуни баъдиҷарроҳӣ; D) хунравии дохилӣ; E) таваққуфи шадиди пешобкунӣ

**85.Дар мавриди таваққуфи пешобкунӣ дар марҳилаи баъдиҷарроҳӣ, ҳамаашро мегузаронанд кадом аст?**

A) гармкунаки гарм ба минтақаи шошадон; B) ташаннуҷпасткунандаҳо (спазмолитикҳо); C) воридсозии адреналин; D) қастаразании шошадон;
E) рехтани об ба тағораи назди бемор

**86.Дар марҳилаи баъдиҷарроҳӣ дар мавриди таваққуфи наҷосаткунӣ ва ихроҷи бод, ҳамаашро мегузаронанд кадом аст?**

A) тазриқи дохиливаридии маҳлули ҳипертонии хлориди натрий; B) имолаи ҳипертонӣ; C) тазриқи маҳлули прозерин; D) ба поёни шикам гузоштани пуфаки яхдор; E) гузоштани найчаи газбарор

**87.Нишонаҳои фасодкунии захми баъдиҷарроҳӣ кадом аст?**

A) паридани ранги канорҳои захм; B) сурхшавии пӯсти канорҳои захм, варам, пурзӯршавии дард; C) бо хун таршавии бандина; D) баромадани ҳалқаҳои рӯда ба зери пӯст; E) пастшавии ҳарорати бадан

**88.Пешгирии суддати (тромбози) баъдиҷарроҳӣ аз ин амалҳо иборат мебошад?**

A) риоя намудани реҷаи қатъии бистарӣ; B) истифодаи масҳи "банкагӣ"-и қафаси сина; C) истифодабарии меоти хунивазкунандаи намакӣ; D) фаъолона бурдани бемор дар марҳилаи баъдиҷарроҳӣ, истифодаи антикоагулянтҳо; E) истифодаи доругиҳои баландкунандаи лахташавии хун

**89.Амали асосӣ дар парастории беморони дар зери вентилятсияи сунъии нафас қарордошта кадом аст?**

A) васоити доругии зиддисулфагӣ; B)танзифи (санатсияи) дарахти хирнойӣ-нойжаӣ; C) пешгирии яғиршавиҳо; D) ғизодиҳӣ тавассути санд; E) ҳамааш дуруст

**90.Мавқеи бемор дар бистар, дар соатҳои аввали баъди беҳиссозии умумӣ кадом аст?**

A) хобида, бо пасткунии авохири сарӣ; B) нимхез (нимнишаста); C) барнагун (ба паҳлӯ хобида; D) ба тахтапушт бе болишт хобида, сари бемор ба паҳлӯ яктарафа гардонда; E) нишаста;

**91.Дар 6 соати аввали баъди ҷарроҳӣ дар маҷрои ҳозима, қабули моеот манъ карда мешавад, чунки...**

A) баамалории қайъкунӣ имконпазир аст; B) бемор нӯшидан намехоҳад; C) афзудани ҳаҷми хуни гардишкунанда имконпазир аст; D) пешгирӣ намудани пешобкунӣ зарур мебошад; E) ҳамааш дуруст;

**92.Барканда гирифтани дарзҳои беморро пас аз ҷарроҳии аппендэктомия, ҳамшираи тиббӣ ба нақша мегирад, дар кадом шабонарӯзҳои баъди ҷарроҳӣ?**

A) 10-ум; B) 7-ум; C) 3-юм; D) 12-ум; E) 20-ум;

**93.Ёрии аввалини тиббӣ ва қаблидухтурӣ, дар мавриди латхӯриҳо кадом аст?**

A) гузоштани бандинаи устуворкунанда; B) гузоштани бандинаи гаҷӣ; C) бандинаи асептикӣ; D) тазриқи викасол; E) реҷаи қатъии бистарӣ;

**94.Нишонаҳои танҳо ба баромадагиҳо хосбуда кадом аст?**

A) дард; B) даст (пой) метавонад дароз ё кӯтоҳ шавад; C) нишонаи "сумкаи холӣ"; D) вайроншавии функсияи даст (пой); E) аломати кирт-кирткунанда

**95.Аз ҳама бештар ҷойгиршавии баромадагиҳо, дар кучо дида мешавад?**

A) банди даст; B) китф; C) рон; D) айнаки зону; E) қулфак

**96.Ёрии аввалини тиббӣ ва қаблидухтурӣ, дар мавриди баромадагиҳо кадом аст?**

A) гузоштани бандинаи устуворкунанда; B) гузоштани бандинаи гаҷӣ;
C) бедардкунони ва беҳаракатгардонии нақлиётӣ; D) тарбандии гармкунанда;
E) гузоштани бандинаи фишордиҳанда

**97.Нишонаи мутлақи шикастагии устухонҳо кадом аст?**

A) деформатсияи буғум; B) дард; C) варам; D) крепитатсияи шикастапораҳои устухонӣ; E) ҳамаи вариантҳо дуруст аст;

**98.Ёрии аввалини тиббӣ ва қаблидухтурӣ, дар мавриди шикастагиҳо кадом аст?**

A) гузоштани бандинаи устуворкунанда; B) гузоштани бандинаи гаҷӣ;
C) бедардкунонӣ ва беҳаракатгардонии нақлиётӣ; D) тарбандии гармкунанда;
E) гузоштани бандинаи фишордиҳанда;

**99.Ҷабираи Дитерихсро дар кадом маврид истифода мебаранд?**

A) шикастагии қулфак; B) осебёбиҳои даст; C) шикастагии рон; D) муоличаи шикастагии бозу; E) шикастагии устухони оринҷ;

**100.Кадом баромадагиро нав меноманд?**

A) кӯҳнагиаш то 3 рӯз; B) кӯҳнагиаш аз 3 рӯз то 3 ҳафта; C) кӯҳнагиаш зиёда аз 3 ҳафта; D) кӯҳнагиаш зиёда аз 1 моҳ; E) кӯҳнагиаш зиёда аз 3 моҳ;

**101.Кадом баромадагиро патологӣ меноманд?**

A) модарзодӣ; B) дар мавриди оосебёбӣ; C) "кӯҳнашуда"; D) дар мавриди бемориҳои устухон ва дастгоҳи пайвандакиро вайронкунанда; E) ҳамааш дуруст аст;

**102.Кадом сабабҳо метавонанд барои пайдоиши шикастагии патологӣ мусоидат намоянд?**

A) осеб; B) остеомиелит; C) нуқсони модарзодӣ; D) бемориҳои хун; E)бемориҳои ғадуди сипаршакл;

**103. "Интерпозитсия" чист?**

A) бавуҷудоии буғуми ғайриҳақиқӣ; B) кӯтоҳшавии даст (пой); C) қиссишавии бофтаҳои нарм дар байни шикастапораҳо; D) дарозшавии даст (пой);
E) дефекти модарзодӣ;

**104. Ёрии аввалин дар мавриди алоими фишориши бардавом кадом аст?**

A) гузоштани бандинаи резинӣ, гарм кардани даст (пой); B) гузоштани тобидаи резинӣ болотар аз ҷойи фишориш, сардкунии даст (пой); C) гузоштани бандинаи фишордиҳанда; D) буридани (кафондани) обилачаҳо; E) гузоштани ҷабираи Крамер

**105. Ёрии аввалин дар мавриди баромадагии бозу иборат аст, аз гузоштани кадом иборат аст?**

A) Крамер; B) Дитерихс; C) Белер; D) Еланский; E) аз васоитҳои зеридастӣ

**106.Кашонидани шахси осебдидаро бо шикастагии қабурғаҳо дар кадом аз мавқеи зерин амалӣ месозанд?**

A) ба тахтапушт, дар сипартахта; B) ба шикам хобида; C) нимхез (нимнишаста); D) нишаста; E) ба паҳлӯи чап хобида

**107.Нишонаи аз ҳама хатарноки захм кадом аст?**

A) воз будани канорҳо; B) дард; C) варам; D) хунравӣ; E) сироятёбӣ;

**108.Зиднишондод ба покизасозии аввалини ҷарроҳии захм кадом аст?**

A) мастшавии машрубботӣ; B) ҳолати садма; C) вайроншавиҳои рӯҳӣ; D) ҳафтаи охирини ҳомиладорӣ; E) хунравӣ аз захм

**109.Аворизи аз ҳама бештари захмҳо кадом аст?**

A) сепсис; B) кузоз; C) илтиҳоб; D) қаросони (гангренаи) газӣ; E) садма

**110.Усули механикии муолиҷаи захми фасоднокро нишон диҳед?**

A) покизасозии пӯст бо йодонат; B) бурида гирифтани канорҳои захм дар ҳудуди бофтаҳои солим; C) кам-кам (қисм-қисм) хунгузаронӣ кардан; D) муолиҷаи витаминӣ; E) истифодабарии марҳамҳо

**111.Усули кимиёии муолиҷаи захми фасоднокро нишон диҳед?**

A) хунгузаронӣ; B) васеъ чок кардани захм; C) истифодабарии моддахои антисептики; D) истифодабарии ваксинаҳо ва зардобҳо; E) бурида гирифтани захм дар ҳудуди бофтаҳои солим;

**112.Усули биологии муолиҷаи захми фасоднок кадом аст?**

A) истифодабарии васоити доругии антисептикӣ; B) истифодабарии ваксинаҳо ва зардобҳо; C) покизасозии пӯст бо йодонат; D) барпо намудани ихроҷи хуби фасод аз захм; E) муолиҷаи витаминӣ

**113.Усули физикии муолиҷаи захми фасоднок кадом аст?**

A) бодиққат шустани захм; B) обияткашонии захм; C) васеъ чок кардани захм; D) кам-кам (қисм-қисм) хунгузаронӣ кардан; E) покизасозии пӯст бо йодонат

**114.Хавфнокии захмҳои халидагӣ аз чӣ иборат аст?**

A) онҳо хавфнок нестанд; B) сироятнокии зиёд; C) имконпазарии осебёбии узвҳои дохилӣ; D) имконпазарии осебёбии устухонҳо; E) имконпазирии пайдошавии кузоз

**115.Хавфнокии захмҳои аз боиси газидани ҳайвонот баамаломада аз чӣ иборат аст?**

A) сироятнокии зиёд; B) имконпазарии осебёбии узвҳои дохилӣ; C) имконпазарии осебёбии устухонҳо; D) инкишофёбии беморecho кузоз; E) инкишофёбии бемории ҳорӣ (обтарсӣ).

**116.Осебёбии устухонҳоро бештар дар мавриди кадом захмҳо мушоҳида менамоянд?**

A) газидагӣ; B) қимавор; C) буридагӣ; D) халидагӣ; E) пӯсткаллакардашуда

**117.Агар сироят ба захм дар лаҳзаи захмдоршавӣ афтад, ин захмро чӣ тавр меноманд?**

A) асептикӣ; B) аввалиндараҷа сироятнок; C) дуюминдараҷа сироятнок; D) бесироят; E) фасоднок

**118.Агар захм дар раванди муолиҷа фасод кард, онро чӣ тавр меноманд?**

A) асептикӣ; B) аввалиндараҷа сироятнок; C) дуюминдараҷа сироятнок; D) бесироят; E) римнок

**119.Марҳилаи якуми раванди захмро номбар кунед?**

A) дегидрататсия; B) гидрататсия; C) пайдошавии карахш; D) эректилӣ; E) сиҳатёбӣ

**120.Марҳилаи дуюми раванди захмиро номбар кунед?**

A) дегидрататсия; B) гидрататсия; C) пайдошавии карахш; D) эректилӣ; E) сиҳатёбӣ

**121.Кадом захмро сӯрохкунанда меҳисобанд?**
A) агар танҳо пӯст ва насҷи чарбии зерипӯстӣ осеб ёфтаанд; B) ба ковокиҳо воридшаванда (шикампарда, шушпарда, сахтпардаи майна); C) агар мушакҳо ва устухонҳо осеб ёфтаанд; D) агар дар он ҷисмҳои бегона мавҷуданд;
E) захмҳои пусткаллакардашударо
**122.Санҷиши бесироятии масолеҳи дӯхт дар чанд рӯз чанд маротиба гузаронида мешавад?**
A) дар 5 рӯз 4 маротиба; B) дар 10 рӯз 1 маротиба; C) дар 15 рӯз 1 маротиба;
D) моҳе 1 маротиба; E) дар 3 моҳ 1 маротиба
**123.Барои чӣ обияткашҳоро ба захм ворид месозанд?**
A) барои тезонидани эпителизатсия; B) барои боздоштани хунравӣ; C) барои беҳтар намудани ихроҷи тарашшӯҳоти захм; D) барои тезонидани ҷудошавии бофтаи мавтшуда; E) бо мақсади баланд бардоштани имунитети организм
**124.Нишонаи хоси сӯхтагии ҳароратии дараҷаи I-ум кадом аст?**
A) сурхшавии пӯст; B) мавтшавии қабати пистонакии пӯст; C) мавтшавии ҳамаи қабатҳои пӯст; D) пайдошавии обилачаҳо; E) сиёҳшавии бофтаҳо
**125.Нишонаи хоси сӯхтагии гармоии дараҷаи II-юм кадом аст?**
A) сурхшавии пӯст; B) мавтшавии ҳамаи қабатҳои пӯст; C) пайдошавии обилачаҳо;
D) сиёҳшавии бофтаҳо; E) мавтшавии қабати пистонакии пӯст
**126.Нишонаи хоси сӯхтагии гармоии дараҷаи III – юми A кадом аст?**
A) сиёҳшавии бофтаҳо; B) мавтшавии қабати пистонакии пӯст; C) мавтшавии ҳамаи қабатҳои пӯст; D) сурхшавии пӯст; E) пайдошавии обилачаҳо
**127.Нишонаи хоси сӯхтагии гармоии дараҷаи III – юми Б кадом аст?**
A) сиёҳшавии бофтаҳо; B) мавтшавии қабати пистонакии пӯст; C) мавтшавии ҳамаи қабатҳои пӯст; D) сурхшавии пӯст; E) пайдошавии обилачаҳо;
**128.Нишонаи хоси сӯхтагии гармоии дараҷаи IV-ум кадом аст?**
A) сиёҳшавии бофтаҳо; B) мавтшавии ҳамаи қабатҳои пӯст; C) мавтшавии қабати пистонакии пӯст; D) пайдошавии обилачаҳо; E) сурхшавии пӯст;
**329.Ёрии қаблидухтурӣ дар мавриди сӯхтагии гармоии дараҷаи I – II –юм кадом аст?**
A) вентилятсияи сунъии шуш ва масҳи ғайримустақими дил; B) воридсозии аналептикҳои нафасӣ; C) гузоштани тобидаи резинӣ болотар аз ҷойи сӯхтагӣ;
D) гузоштани бандинаи бесироят ва бистарикунонӣ; E) гузоштани бандинаи фишордиҳанда
**130.Нишонаи хоси сӯхтагӣ бо ҷавҳарҳои ғализро нишон диҳед?**
A) пайдошавии обилачаҳо; B) сурхшавии пӯст; C) мавтшавии коагулятсионӣ;
D) мавтшавии колликватсионӣ; E) сиёҳшавии бофтаҳо
**131.Нишонаи хоси сӯхтагӣ бо ишқорҳои ғализро нишон диҳед?**
A) пайдошавии обилачаҳо; B) сурхшавии пӯст; C) мавтшавии коагулятсионӣ;
D) мавтшавии колликватсионӣ; E) сиёҳшавии бофтаҳо
**132.Нишонаи хоси сармозании дараҷаи II-юм кадом аст?**
A) сурхшавии пӯст; B) дар пӯст пайдошавии обилачаҳои оби зулолдошта;
C) мавтшавии ҳамаи қабатҳои пӯст; D) ранги мармарии пӯст; E) мавтшавии қабати пистонакии пӯст
**133.Нишонаи хоси сармозании дараҷаи III-юм кадом аст?**
A) сурхшавии пӯст; B) пайдошавии обилачаҳо; C) мавтшавии ҳамаи қабатҳои пӯст;
D) ранги мармарии пӯст; E) мавтшавии қабати пистонакии пӯст
**134.Нишонаи хоси сармозании дараҷаи IV – умро нишон диҳед?**
A) сурхшавии пӯст; B) пайдошавии обилачаҳо; C) мавтшавии ҳамаи қабатҳои пӯст;
D) мавтшавии ҳамаи бофтаҳо; E) ранги мармарии пӯст
**135.Ёрии қаблидухтурӣ дар мавриди сармозаниҳо кадом аст?**

A) гузоштани бандинаи асептикии термоизолятсиякунанда; B) қайчӣ карда гирифтани обилачаҳо; C) молищдиҳии қитъаҳои бадан бо барфи тоза;
D) аутодермопластика; E) вентилятсияи сунъии шуш ва масҳи ғайримустақими дил
**136.Нишонаи хоси сармозании дараҷаи I-ум кадом аст?**
A) пайдошавии обилачаҳои оби зулол дошта; B) мавтшавии ҳамаи пӯст ва насҷи чарбии зерипӯстӣ; C)сафедшавии ранги пӯст; D) сурхшавии пӯст;
E) мавтшавии бофтаҳои чуқурҷойгирбуда
**137.Тибқи қоидаи “кафи даст” масоҳати кафи даст чӣ қадари сатҳи баданро ташкил медиҳад?**
A) 1%; B) 9%; C) 18%; D) 27%; E) 3%
**138.Тибқи қоидаи “нуҳтогӣ” масоҳати пой чӣ қадари сатҳи баданро ташкил медиҳад?**
A) 1%; B) 9%; C) 18%; D) 27%; E) 3%
**139.Тибқи қоидаи “нуҳтогӣ” масоҳати сару гардан чӣ қадари сатҳи баданро ташкил медиҳад?**
A) 1%; B) 9%; C) 18%;D) 27%; E) 36%
**140.Тибқи қоидаи “нуҳтогӣ” масоҳати даст чӣ қадари сатҳи баданро ташкил медиҳад?**
A) 1%; B) 9%; C) 18%; D) 27%; E) 36%
**141.Тибқи қоидаи “нуҳтогӣ” масоҳати сатҳи пеши тана чӣ қадари сатҳи баданро ташкил медиҳад?**
A)1% B) 9%; C) 18%; D) 27%; E) 36%
**142.Тибқи қоидаи “нуҳтогӣ” масоҳати сатҳи пеш ва пушти бадан чӣ қадари сатҳи баданро ташкил медиҳад?**
A) 1%; B) 9%; C) 18%; D) 27%; E) 36%
**143.Тибқи қоидаи “нуҳтогӣ” масоҳати сатҳи пушти тана чӣ қадари сатҳи баданро ташкил медиҳад?**
A) 1%; B) 9%; C) 18%; D) 27%; E) 36%;
**144.Масоҳати чатан чӣ қадари сатҳи баданро ташкил медиҳад?**
A) 1%; B) 9%; C) 18%; D) 27%; E) 36%;
**145.Марҳилаи якуми бемории сӯхтагиро номбар намоед?**
A) токсемия; B) реконвалетсентсия; C) садмаи сӯхтагӣ; D) септикотоксемия;
E) септикопиемия;
**146.Марҳилаи дуюми бемории сӯхтагиро номбар намоед?**
A) токсемия; B) реконвалетсентсия; C) садмаи сӯхтагӣ; D) септикотоксемия;
E) септикопиемия;
**147.Марҳилаи сеюми бемории сӯхтагиро номбар намоед?**
A) токсемия; B) реконвалетсентсия; C) садмаи сӯхтагӣ; D) септикотоксемия;
E) септикопиемия;
**148.Марҳилаи чоруми бемории сӯхтагиро номбар намоед?**
A) токсемия; B) реконвалетсентсия; C) садмаи сӯхтагӣ; D) септикотоксемия;
E) септикопиемия;
**149.Сабаби септикотоксемия кадом аст?**
A) ҷаббидашавии заҳробаҳо (токсинҳо) ба хун, аз захми сӯхтагӣ; B) зиёдшавии диурез; C) баландшавии ҳарорати бадан; D) ҳамроҳшавии сироят; E) осеби рӯҳӣ
**150.Сабаби токсемия кадом аст?**
A) ҷаббидашавии заҳробаҳо (токсинҳо) ба хун, аз захми сӯхтагӣ; B) зиёдшавии диурез; C)баландшавии ҳарорати бадан; D) пайвастшавии (ҳамроҳшавии, воридшавии) сироят; E) осеби рӯҳӣ
**151.Усули аз ҳама аниқи муайян намудани масоҳати сӯхтагӣ кадом аст?**
A) азназаргузаронӣ бо чашм; B) қоидаи “нӯҳтогӣ”; C) қоидаи “кафи даст”;
D) услуби Постников; E) усули Ҷанелидзе
**152.Намуди осеби ҷумҷумавӣ-майнагӣ, ки нишонааш хунравӣ ва ликворея (ихроҷи ликвор) аз биниву гӯшҳо мебошад?**

A) такони майна;  B) фишориши майна;  C) шикастагии асоси косахонаи сар; D) хунравии дохилимайнагӣ;  E) шикастагии гунбази сар
**153.Тадбири асосии муоличавӣ, дар мавриди фишориши майна кадом аст?**
A) реҷаи қатъии бистарӣ;  B) муоличаи дегидрататсионӣ;  C) трепанатсияи косахонаи сар;  D) пурзӯрсозии диурез;  E) муоличаи дезинтоксикатсионӣ
**154.Нишонаи асосии латхӯрии майна кадом аст?**
A) сарчархзанӣ, сардардӣ;  B) қайкунӣ;  C) афзудани набз;  D) гум шудани функсияи яке аз қитъаҳои майна;  E) амнезияи ретроградӣ
**355.Нишонаи асосии такони майна кадом аст?**
A) амнезияи ретроградӣ (фаромушхотирии пешазосебӣ);  B) пурзӯршавии рефлексҳо; C) васеъшавии гавҳараки чашм;  D) нафаскашии амиқу бонизом;  E) қайъкунӣ
**156.Истилоҳи “амнезияи ретроградӣ” чиро ифода менамояд?**
A) вайроншавии амали фурӯбарӣ;  B) мавҷуд набудани вокуниши гавҳараки чашм ба рӯшноӣ;  C) мавҷуд набудани хотира ба давраи қабл аз осебёбӣ;
D) беҳушӣ;  E) беҳиссиётӣ
**157.Дар мавриди захмдоршавии қисми мӯйноки сар, кадом бандинаро мегузоранд?**
A) фалахмоншакл;  B) “кӯлоҳи кулӯта”;  C) салибшакл;  D) хӯшашакл;
E) фишордиҳанда
**158.Ёрирасонӣ дар мавриди баландшавии фишори дохилиҷумҷумавӣ кадом аст?**
A) маҳлулҳои 40% глюкоза, 10% хлориди натрий, дохиливаридӣ (д/в);  B) маҳлули 2,4% эуфиллин д/в; C) аналгин д/м, промедол з/п;  D) эфедрин з/п;  E) валидол зеризабонӣ
**159.“Нишонаи айнак”-ро дар кадом мавриди мушоҳида менамоянд?**
A) такони майна;  B) латхӯрии майна;  C) шикастагии асоси (пояи) косахонаи сар; D) фишориши майна;  E) шикастагии устухонҳои даст
**160.Беҳушшавии бардавом, қайъкунии бисёркарата, ба кадоме аз ин нишонаҳои ҷузъӣ хос мебошанд?**
A) латхӯрии майна;  B) такони майна;  C) фишориши майна;  D) шикастагии асоси (пояи) косахонаи сар;  E) шикастагии ҷоғи поён
**161.Ёрии қаблидухтурӣ дар мавриди сӯхтагиҳои кимиёии (ҷавҳарҳо) сурхной кадом аст?**
A) шустани фаровони сурхной ва меъда;  B) покизасозии аввалини сатҳи сӯхтагӣ; C) барпо намудани оромии комил ва гузоштани пуфаки яхдор;  D) гузаронидани эзофагоскопия;  E) шӯстани меъда бо маҳлули ҷавҳари лимӯӣ
**162.Дар мавриди шикастагиҳои чорбанд ё думғоза, дар кадом мавқеъ беморро кӯчонидан лозим аст?**
A) ба тахтапушт дар тахтасипар;  B) дар мавқеи “қурбоққа”;  C) ба шикам;
D) ба паҳлӯи чап;  E) ба паҳлӯи рост
**163.Аворизи аз ҳама хавфноки шикастагии сутунмӯҳра кадом аст?**
A) бодгирии шикам (метеоризм);  B) яғиршавиҳо;  C) осебёбии ҳароммағз;
D) контрактураи буғуми соқипойӣ-попанҷаӣ;  E) вайроншавии биноӣ
**164.Дар мавқеи “қурбоққа” беморонро ба кадом, бо шикастагиҳо мекучонанд?**
A) устухонҳои кос;  B) сутунмӯҳра; C) рон;  D) устухонҳои попанҷа; E) устухонҳои китф
**165.Кашонидани шахси осебдида бо шикастагиҳои қабурғаҳо?**
A) ба сатҳи сахт, ба тахтапушт гузошта; B) дар мавқеи нимхез; C) ба шикам гузошта; D) хобида, бо авохири сарии занбарро каме бардошта;  E) ба тахтасипар, ба тахтапушт дар мавқеи “қурбоққа” гузошта
**166.Ҳолате, ки дар мавриди он бандинаи ҳавоногузарро (окклюзиониро) мегузоранд?**
A) шикастагии рон; B) хунравии варидии сахт; C) осебёбии васеи бофтаҳои нарм; D) пневмоторакси кушода;  E) пневмоторакси пушида
**167.Нишонаи пневмоторакси дарғотӣ?**
A) берангии пӯст;  B) дамкӯтоҳии афзоянда;  C) камшавии набз;
D) варами бофтаҳо;  E) хунравии мӯйрагӣ

**168.Нишонаи пневмотракси кушода кадом аст?**
A) нафаскашии мушкили рӯяки; B) камшавии набз; C) нафаскашии везикулярӣ; D) сурхшавии пӯст; E) паридани ранги пӯст
**169.Тадбирҳои сабуккунандаи ҳолати бемор, дар мавриди пневмотораксi кушода кадом аст?**
A) гузоштани бандинаи ҳавоногузар; B) карахткунии байниқабурғай; C) тазриқи васоити доругии мухаддир; D) трахеостомия; E) нафасдиҳии сунъӣ
**170.Нишонаи асосии шикастагии қабурғаҳоро нишон дихед?**
A) сурхшавии пӯст; B) хунравии беруна; C) гематома; D) крепитатсия ҳангоми палмосидани қабурға; E) эмфиземаи зерипустӣ
**171.Намуди аз ҳама хавфноки пневмоторакс кадом аст?**
A) дарғотӣ; B) кушода; C) пӯшида; D) худбахудпайдошуда (спонтанӣ); E) криптогенӣ
**172.Эмфиземаи зерипӯстӣ чист?**
A) ҳаво ба ковокии шушпарда медарояд ва мебарояд - захм "нафас мекашад";
B) ҳаво ба ковокии шушпарда медарояд, аммо баргашта намебарояд – миқдори ҳаво зиёд мешавад; C) ҷамъшавии ҳаво дар зери пӯст; D) ҷамъшавии ҳаво дар ковокии шикам; E) ҷамъшавии ҳаво дар ковокии ғилофи дил
**173.Пневмотораксi кушода чист?**
A) ҳаво ба ковокии шушпарда медарояд ва мебарояд - захм "нафас мекашад"; B) ҳаво ба ковокии шушпарда медарояд, аммо баргашта намебарояд – миқдори ҳаво зиёд мешавад; C) ҷамъшавии ҳаво дар зери пӯст; D) ҷамъшавии ҳаво дар ковокии шикам; E) ҷамъшавии ҳаво дар ковокии ғилофи дил
**174.Пневмотораксi дарғотӣ чист?**
A) ҳаво ба ковокии шушпарда медарояд ва мебарояд - захм "нафас мекашад"; B) ҳаво ба ковокии шушпарда медарояд, аммо баргашта намебарояд – миқдори ҳаво бошиддат ҷамъ мешавад; C) ҷамъшавии ҳаво дар зери пӯст; D) ҷамъшавии хун дар ковокии шушпарда; E) ҷамъшавии ҳаво дар ковокии ғилофи дил;
**175.Дар кӯдакон одатан кадом шикастагиҳоро мушоҳида менамоянд?**
A) уреб (каҷ); B) ба навъи "шохчаи сабз"; C)компрессионӣ; D) пурра; E) нопурра
**176.Дар мавриди ҷамъшавии экссудат дар захми фасоднок чӣ зарур мебошад?**
A) фатилазании захм; B) обияткашонии захм; C) гузоштани бандина бо линименти метилуратсил;D) гузоштани бандинаи хушки асептикӣ; E) гузоштани бандинаи герметикӣ;
**177.Дармонҳои гармигиро дар мавриди латхӯрии бофтаҳои нарм дар кадом муддат таъин менамоянд?**
A) дар шабонарӯзҳои 2-3-юм;B) дарҳол пас аз осебёбӣ; C) пас аз якчанд соати осебёбӣ; D) умуман таъин намекунанд; E) пас аз 1 моҳ;
**178.Пешгирии бемории кузозро дар кадом мавриди гузаронидан зарур аст?**
A) латхӯрии бофтаҳои нарми дастпанҷа; B) шикастагии устухони бозу; C) захми халидагии попанҷа; D) ёзиши буғуми соидӣ-сарпанҷай; E) латхӯрии қафаси сина
**179.Покизасозии аввалини ҷарроҳии захм кадом аст?**
A) бурида гирифтани канорҳо, қаър ва девораҳои захм бо минбаъда гузоштани дарзҳо; B) шустани захм; C) аз захм барканда гирифтани лахтаҳои хун ва ҷисмҳои бегона; D) ба захм гузоштани дарзҳои дуввумин; E) ба захм гузоштани дарзҳои якумин
**180.Дар мавриди латхӯрӣ истифодабарии сардиро дар кадом муддат тавсия медиҳанд?**
A) 30 дақиқа; B) 6 соат; C) 2 рӯз; D) 7 рӯз; E) 10 рӯз;
**181.Ёрии аввалини тиббӣ ва қаблидухтурӣ, дар мавриди осебёбии дастгоҳи пайвандакӣ кадом аст?**
A) гузоштани бандинаи устуворкунанда; B) гузоштани бандинаи гаҷӣ;
C) беҳаракатгардонии нақлиётӣ; D) гузоштани бандинаи тӯрӣ-найчай;
E) гузоштани тобида
**182.Нишонаҳои танҳо ба шикастагиҳо хосбуда кадом аст?**

A) ҳематома;   B) варам;   C) крепитатсияи шикастапораҳои устухонӣ;
D) вайроншавии функсияи даст (пой);   E) дард

**183.Кадом баромадагиро кӯҳна ("несвежий") меноманд?**

A) кӯҳнагиаш то 3 рӯз;   B) кӯҳнагиаш аз 3 рӯз то 3 ҳафта;   C) кӯҳнагиаш зиёда аз 3 ҳафта;   D) дар мавриди оосебёбӣ;   E) ҳамааш дуруст аст

**184.Кадом баромадагиро "кӯҳнашуда" ("застарелый») меноманд?**

A) кӯҳнагиаш то 3 рӯз;   B) кӯҳнагиаш аз 3 рӯз то 3 ҳафта;   C) кӯҳнагиаш зиёда аз 3 ҳафта;   D) дар мавриди оосебёбӣ;   E) кӯҳнагиаш зиёда аз 10 рӯз

**185.Кадом баромадагиро касолатӣ меноманд?**

A) модарзодӣ;   B) дар мавриди оосебёбӣ;   C) "кӯҳнашуда";   D) дар мавриди бемориҳои устухон ва дастгоҳи пайвандакиро вайронкунанда;   E) ҳамааш дуруст аст

**186.Ёрии аввалин дар мавриди захми тасодуфӣ?**

A) боздоштани хунравӣ, бандинаи асептикӣ (бесироят);   B) боздоштани хунравӣ, бандинаи гаҷӣ;   C) боздоштани хунравӣ, бандинаи марҳамӣ;   D) воридсозии антибиотикҳо;   E) воридсозии васоити доругии бедардсозанда

**187.Ба захми буридагӣ кадом аломат хос мебошад?**

A) хунравии қатрагӣ;   B) хунравии суст;   C) хунравии зиёд;   D) ҳамаи сатҳи захмӣ хуншор аст; E) хунравӣ нест

**188.Нишонаи ба захми қимавор хос кадом аст?**

A) хунравии нофаровон;   B) канорҳои часпидагии захм;   C) канорҳои захм воз;
D) сироятнокии ночиз;   E) канорҳои захм сӯхтагӣ

**189.Пучак (фурункул) чист?**

A)Илтиҳоби ғадудҳои равғанбарор (чарбӣ);  B) илтиҳоби фолликули мӯй;  C)илтиҳоби ғадудҳои арақбарор;   D) илтиҳоби насҷи чарби зерипӯстӣ;   E) илтиҳоби шушпарда

**190.Гидраденит чист?**

A) илтиҳоби ғадудҳои равғанбарор (чарбӣ);   B) илтиҳоби фолликули мӯй;
C) илтиҳоби ғадудҳои лимфавӣ;   D) илтиҳоби ғадудҳои арақбарор;   E) илтиҳоби насҷи чарбии зерипӯстӣ

**191.Ҳафтпӯст (карбункул) чист?**

A) илтиҳоби фолликули мӯй, ғадудҳои равғанбарор, бо мавтшавии насҷи чарбии зерипӯстӣ;   B) илтиҳоби ғадудҳои арақбарор;   C) илтиҳоби ғадудҳои лимфавӣ;
D) илтиҳоби насҷи чарбии зерипӯстӣ;   E) илтиҳоби ғадудҳои равғанбарор (чарбӣ)

**192.Лимфаденит чист?**

A) илтиҳоби ғадудҳои лимфавӣ;   B) илтиҳоби ғадудҳои арақбарор;   C) илтиҳоби фолликули мӯй;   D) илтиҳоби ғадудҳои равғанбарор (чарбӣ);   E) илтиҳоби насҷи чарбии зерипӯстӣ

**193.Муолиҷаи ҳафтпӯст (карбункул) дар марҳилаи инфилтратсия кадом аст?**

A) гузоштани бандина бо марҳами Вишневский;   B) васеъ чок кардан (бурида гирифтан) ва обияткашонӣ;   C) карахткунонии новокаинӣ бо антибиотикҳо;
D) пунксияи маддаҳона;   E) тарбандиҳои гарми нимспиртӣ

**194.Муолиҷаи ҳафтпӯст (карбункул) дар марҳилаи нармшавӣ?**

A) тарбандиҳои (компрессҳои) гарми нимспиртӣ;   B) карахткунонии новокаинӣ бо антибиотикҳо;   C) пунксияи маддахона;   D) васеъ чок кардан (бурида гирифтан) ва обияткашонӣ;   E) гузоштани бандина бо марҳами метилуратсил

**195.Думмал (абстсесс) чист?**

A) илтиҳоби фасодии ғадудҳои арақбарор ва равғанбарор (чарбӣ);   B) илтиҳоби фасодии буғумҳо;   C) ҷамъшавии маҳдуди фасод дар бофтаҳо;   D) илтиҳоби паҳнёфтаи насҷи чарбии зерипӯстӣ;   E) илтиҳоби пӯст

**196.Дабила (флегмона) чист?**

A) ҷамъшавии фасод дар ковокии буғумҳо;   B) илтиҳоби фасодии фолликулҳои мӯй;   C) ҷамъшавии маҳдуди фасод дар бофтаҳо;  D) илтиҳоби паҳнёфтаи мадданоки шадиди фосилаҳои чарбпардагии зерипӯстӣ, байнимушакӣ, паси сифоқӣ ва ғ.;

E) илтиҳоби пӯст
**197.Муоличаи думмал (абстсесс) дар марҳилаи инфилтратсияро нишон дихед?**
A) карахткунонии новокаинӣ бо антибиотикҳо; B) васеъ чок кардан (бурида гирифтан) ва обияткашонӣ; C) тазриқи антибиотикҳо д/м; D) гузоштани пуфаки яхдор; E) гузоштани бандина бо марҳами Вишневский
**198.Муоличаи дабила (флегмона) дар марҳилаи нармшавӣ кадом аст?**
A) компрессҳои намноки гармкунанда; B) пунксияи маддахона, бо минбаъда воридсозии антибиотикҳо; C) васеъ чок кардан ва обияткашонӣ; D) карахткунонии новокаинӣ бо антибиотикҳо; E) гузоштани бандина бо марҳами Вишневский
**199.Муоличаи асосии кузоз кадом аст?**
A) тазриқи спазмолитикҳо; B) истифодаи антибиотикҳо; C) тазриқи вояҳои калони зардоби зиддикузозӣ; D) тазриқи маводи мухаддир; E) сулфаниламидҳо
**200.Нишондодҳо барои тазриқи зардоби зиддиқаросонӣ (зиддиокилагӣ, зиддигангренагӣ) кадом аст?**
A) шикастагии кушодаи устухонҳои соқи пой; B) захмдоршавиҳои бофтаҳои нарм; C) хасмоли устухонӣ; D) дабилаи (флегмонаи) минтақаи сурин; E) илтиҳоби шуш